## Подкасти лоиҳаи GEFF Тоҷикистон оид ба Селектори Технологияҳои Сабз

***Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:***

Хуш омадед ба нашри махсуси подкасти лоиҳаи GEFF Тоҷикистон! Ман Азиз Ғафоров, мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон ҳастам. Дар тӯли якчанд моҳи охир, ҳамкорони мо подкастҳо таҳия намудаанд, ки оид ба афзалиятҳои маблағгузории сабз ва сармоягузорӣ ба технологияҳои сермаҳсул, маҳсулотҳо ва таҷрибаҳои пурсамар, ки гузариши Тоҷикистонро ба иқтисоди сабз дастгирӣ мекунанд, маълумот медиҳад. Ҳар як подкаст намудҳои гуногуни технологияҳои самараноки захиравӣ, аҳамият ва бартариҳои технологияҳои сабз, ки метавонанд муваффақ шаванд таъкид менамояд. Силсилаи подкастҳои GEFF Тоҷикистонро дар сомонаи мо пайдо кардан мумкин аст.

Ин шумораи махсус ба Селектори Технологияҳои Сабз бахшида шудааст, ки барои истифодабарандагони платформаи дар сатҳи ҷаҳонӣ асосёфта мувофиқ мебошад. Селектори Технологияҳои Сабз вебсайти байналмилалӣ мебошад, ки маҷмӯаи технологияҳо ва маводҳои сермаҳсулеро, ки қаблан тасдиқ шудаанд ва барои маблағгузории БАТР аз ташкилотҳои молиявии маҳаллӣ тавассути барномаҳои маблағгузории сабз мутобиқат мекунанд. Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд платформаи Селектори Технологияҳои Сабзро барои мусоидат ба таблиғи глобалии технологияҳои хеле самараноки сабз таҳия кардааст.

Имрӯз мо бо коршиносони худ дар бораи Интихоби Технологияи Сабз, манфиатҳои он ва чӣ гуна он метавонад барои таҳвилкунандагон ва мизоҷон дар Тоҷикистон муфид мебошад сӯҳбат менамоем. Хуш омадед ҳамкорони азиз. Аввалан, ман Парвин Ҷабборов, муҳандиси лоиҳа, ки бо таҳвилкунандагони тоҷик ҳамкории зич дорад, даъват мекунам. Парвин, лутфан, бигӯед, ки барои чӣ ин платформа барои таҳвилкунандагон метавонад ҷолиб бошад?

***Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:***

Ташаккури зиёд. Аз таклифатон хурсандам. Шояд аввал маънои истилоҳи "технологияҳои сабз"-ро фаҳмонем. "Технологияҳои сабз" ин технологияе мебошад, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза ва ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ мусоидат мекунад. Технологияҳои сабзро метавон ҳамчун як унсуре баррасӣ кард, ки метавонад таназзули муҳити атрофро монеъ ва муҳити солимро фароҳам орад. Селектори Технологияҳои Сабз платформаи онлайн мебошад, ки таҳвилкунандагони беҳтарини технологияҳои сабзро бо муассисаҳои молиявӣ, корхонаҳо ва хонаводаҳо мепайвандад.

Агар шумо як таҳвилкунанда ё фурӯшандаи маҳалии технологияҳо бошед, шумо метавонед худро муаррифӣ намоед, дар бораи он, ки чӣ гуна технологияҳоро мефурӯшед, нашр намоед. Агар шумо соҳиби тиҷорат ё хонаводае бошед, ки дар ҷустуҷӯи технологияи сабз бошад, Селектори Технологии Сабзи мо низ дар ин кор ба шумо кӯмак мерасонад. Бо ёрии филтри пешрафта, шумо маҳсулот, технология ё истеҳсолкунандаи даркориатонро пайдо мекунед ва пас дар харита нуқтаҳои наздиктарини фурӯшро мебинед. Технологияҳои интихобшударо метавон муқоиса кард ва барои истифода оянда нигоҳдорӣ кард. Селектори Технологии Сабз ба таври худкор сертификатро тартиб дода, маблағгузории сабзро аз ташкилотҳои молиявии маҳаллӣ дастрас менамояд. Танҳо онро ба аризаи қарзии худ ба бонки маҳаллӣ ё дигар муассисаҳои молиявие, ки БАТР бо онҳо ҳамкорӣ мекунад, ворид намоед.

***Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:***

Парвин, оё шумо метавонед омори Селектори Технологияҳои Сабзро дар сатҳи ҷаҳонӣ баён намоед?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Имрӯз, Селектори Технологияҳои Сабз дар 37 кишвар амал менамояд, ки онҷо БАТР фаъолият мекунад ва зиёда аз 30,000 номгӯи маҳсулот ва технологияҳоеро дар бар мегирад, ки самаранокии энергияро беҳтар намуда истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергияро таъмин намуда, истифодабарии об ва эрозияи хокро кам мекунанд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Истифодаи платформаи Селектори Технологияҳои Сабз барои фурӯшандагон ва таҳвилкунандагони маҳаллӣ чӣ бартарӣ ва манфиатҳо дорад?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Мо таҳвилкунандагони маҳалии технологияҳоро ҷалб менамоем, ки онҳо маҳсулоти худро дар Селектори Технологияҳои Сабз сабт намоянд. Пас аз ба қайд гирифтан, таҳвилкунандагони технологияҳо як қатор имтиёзҳои зеринро пайдо мекунанд:

- Баланд бардоштани муаррифии брендҳо
- Дастгирии маркетингӣ
- Пайдо кардани эътибор ҳамчун таҳвилкунандагони технологияҳои беҳтарини сабз
- Афзоиши фурӯш

Фурӯшандаҳои тоҷик ҳамеша роҳҳои беҳтарини таблиғ ва тавсифи маҳсулоти худро дар бозорҳои маҳаллӣ / байналмилалӣ, аз ҷумла тавассути манбаъҳои интернетӣ меҷӯянд. Сабаби муҳимтарини ҳавасманд будани таҳвилкунандагони маҳаллӣ ба истифодаи ин платформа, дастгирӣ кардан ва эътирофи сатҳи баланди сифати маҳсулот мебошад. Дар Тоҷикистон айни замон ин ягона барномаест, ки маҳсулоти баландсифатро тибқи меъёрҳои мушаххаси интихоб эътироф мекунад. Аз ин рӯ, ин як барномаи хеле мувофиқ барои таҳвилкунандагонест, ки дар марказҳои назари ҳаҷми калони фурӯш ҷойгиранд. Албатта, фурӯшандаҳои хурдтаре, ки дар деҳот ҷойгиранд, камтар манфиатдоранд - онҳо дар минтақаҳо ва шаҳрҳое савдо мекунанд, ки он ҷойҳо дастрасӣ ба интернет маҳдуд аст ё на ҳамеша мавҷуд аст, аз ин рӯ наметавонанд аз платформа истифода баранд. Селектори Технологияҳои Сабз таҳвилкунандагонро барои ворид шудан ба бозорҳои нав дастгирӣ мекунад, ки метавонад ба афзоиши гардиши мол мусоидат намояд. Бақайдгирии ройгон ба таври онлайн сурат мегирад. Баррасӣ ва тасдиқи технология дар Тоҷикистон аз ҷониби гурӯҳи мушовирони маҳаллии мо амалӣ карда мешавад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Хеле ҷолиб. Барномаи мобилии Tech Selector низ ба наздикӣ ба кор даромад. Шумо метавонед дар ин бора ба мо маълумоти бештар диҳед? Ба фикри шумо, дараҷаи пешбинишудаи истифодаи барнома дар Тоҷикистон чӣ гуна хоҳад буд?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бешубҳа, БАТР ба наздикӣ як барномаеро роҳандозӣ кард, ки ба харидорони технологияҳои сабз имкон медиҳад, ки бо истифода аз барномаи мобилии Tech Selector таҳвилкунандагон ва технологияҳоро пайдо кунанд ва бо 10 забон дастрас аст. Агар шумо истеҳсолкунандаи технологияи сабз бошед, технологияи худро дар асоси меъёрҳои ҳадди ақали самаранокӣ ба қайд гиред. Мутахассисони мо мутобиқатии маҳсулоти шуморо ба талабот тафтиш мекунанд. Агар шумо хоҳиши сармоягузориро ба технологияҳои сабз дошта бошед, шумо метавонед бо ёрии платформа аз

смартфони худ бо тартиботи 24/7 дастрасӣ пайдо кунед. Дӯконҳои марказӣ, нуқтаҳои фурӯш ва марказҳои хидматрасонӣ, ки фурӯшандагон ва таҳвилкунандагон дар онҳо фаъолият мекунанд, дар марказҳои шаҳрҳо, ноҳияҳо ва деҳоти Тоҷикистон ҷойгиранд.

Аксари фурӯшандагон аз барномаҳои мобилии Android фаъолона истифода мебаранд ва онҳо метавонанд барномаи мобилии Селектори Технологияҳои Сабзро зеркашӣ ва истифода баранд. Гурӯҳи кормандони лоиҳаи GEFF Тоҷикистон мунтазам ба қисматҳои марказӣ, ҷанубӣ ва шимолии Тоҷикистон сафар мекунад, онҳо бо таҳвилкунандагон мулоқот намуда, бартариҳои платформаро фаҳмонда медиҳанд ва ба онҳо тарзи зеркашӣ ва истифодаи ин замимаи барномаи мобилиро мефаҳмонанд. Дар аввал, шояд барои фаҳмондадиҳӣ вақти зиёдтар лозим бошад, аммо пас аз он, ки фурӯшандагон худ истифода бурдани барномаи мобилиро омӯхтанд, мо фикр мекунем, ки он дар байни фурӯшандагон боз ҳам густариш хоҳад ёфт.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Парвин, оё шумо таҷрибаи ягон таҳвилкунандаи маҳаллиро, ки бомуваффақият сабти ном шуда, фаъолона аз технологияҳои сабз истифода мебарад, нақл карда метавонед?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Албатта, чанд мисол ҳаст, аммо ман мехоҳам мисоли ба қарибӣ дучоршударо қайд намоям. Ширкати маҳаллии ҶДММ "Шаршара" таҳвилкунандаи насосҳои муосир, аз ҷумла насосҳои ҳаракати даврагӣ, насосҳои бисёрсатҳаи марказгурез ва худгард, насосҳо барои ҳавзҳо ва оби шӯр, насосҳои зериобӣ барои заҳбуру заҳкашҳо ва ғайра мебошад. ҶДММ "Шаршара" намояндаи расмии "DAB Water Technology" дар Тоҷикистон мебошад, ки технологияҳои сермаҳсули насосҳои каммасраф истеҳсол мекунад.

Кормандони муҳандисии ҶДММ «Шаршара» аз кори платформа хурсанд шуданд ва ҳамчун таҳвилкунандаи маҳсулоти сабз ба қайд гирифта шуданд, зеро онро ҳамчун воситаи хуби маркетинг барои баланд бардоштани муарифии маҳсулоти баландсифати худро дар бозор қабул карданд. Ширкат мунтазам бо гурӯҳи муҳандисони GEFF тамос мегирад, то минбаъд маҳсулоти марбутаро ба Селектори Технологияҳои Сабзр илова кунад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Чӣ гуна ташкилотҳо/шарикони молиявии маҳаллӣ аз Селектори Технологияҳои Сабз манфиат гирифта метавонанд?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Дар Тоҷикистон, ташкилотҳои молиявии маҳаллӣ аз қабили Бонки Эсхата, Бонки Арванд, АБМХ, ТАҚХ ҲУМО ва ТАҚХ Имон Интернешнл бо Селектори Технологияҳои Сабз ва лоиҳаи GEFF Тоҷикистон шинос ҳастанд. Селектори Технологияҳои Сабзро дар ҳама ҷо ва ҳар вақт истифода бурдан мумкин аст, аз ин рӯ истифодаи платформа барои кормандони шарикони молиявӣ хеле қулай аст. Селектори Технологияҳои Сабз ин воситаи нодир барои зудтар дарёфт намудани таҳвилкунандагон ва маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза мебошад. Масалан, Мутахассиси Қарзӣ метавонад бо дархости мизоҷ барномаро кушода, бо тамғаҳои ба қайд гирифташудаи тракторҳо / комбайнҳо / насосҳо / коллекторҳои офтобӣ / асбобҳои рӯзгор ва ғайра шинос шавад ва ба мизоҷ оид ба маҳсулоти мувофиқ машварат диҳад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккури зиёд, Парвин барои маълумотҳои хело ҷолиб. Ҳоло бошад ман мехоҳам як муҳандиси дигари лоиҳаамон Нигора Қурбоноваро, ки шахсан платформаро дар Тоҷикистон идора мекунад, даъват кунам. Пеш аз ҳама, ба мо омори Селектори Технологияҳои Сабз дар Тоҷикистонро муаррифӣ менамудед.

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур. Дар айни замон 62 таҳвилкунандаи маҳаллӣ дар Селектори Технологияҳои Сабз сабти ном шудаанд, ки 1077 маҳсулоти сабзи марбут ба 14 технологияи мухталифро дар бар мегиранд. Технологияҳои аз ҳама серталаби платформа барои соҳаи кишоварзӣ техника ва таҷҳизотҳои кишоварзӣ, гармхонаҳо ва сардхонаҳо мебошанд. Ба гурӯҳи дигар бошад тирезаҳо ва дарҳо, изолятсияҳо, электроэнергия ва когенератсия, муҳаррикҳо ва насосҳо, нақлиёт, дегҳо, техникаи маишӣ ва лампаҳои каммасраф дохил мешаванд. Феҳрасти ин технологияҳо доимо васеъ ва пурра карда мешавад.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Барои таҳвилкунандагоне, ки подкастҳои моро гӯш мекунанд, лутфан қадамҳои сабти номро кӯтоҳ тавсиф кунед.

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Албатта, ин аслан душвор нест, иборат аз ду марҳилаи асосӣ.

Қадами 1. Таҳвилкунанда бояд сабти ном ва ҳисоби вуруди (учётную запись) худро кушояд. Инро дар саҳифаи асосӣ бо интихоби кишвар ва забони бақайдгирӣ - англисӣ ё русӣ анҷом додан мумкин аст. Ба қарибӣ, тақрибан нимаи аввали соли 2021 ба забони тоҷикӣ низ дастрас мегардад. Бояд маълумоти умумӣ дар бораи ширкат ва шахсе, ки бо Селектори Технологияҳои Сабз кор мекунад, ворид карда шавад. Инчунин, шаҳодатномаи бақайдгирии вазъи ҳуқуқӣ ва имконияти таҳвили молро боргирӣ кунед - ин метавонад Шаҳодатномаи бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ ё патент бошад. Сабти ном тавассути кушодани ҳисоби вуруд (учётную запись) воридшавӣ бо почтаи электронӣ ва парол анҷом дода мешавад.

Қадами 2: Шумо бояд мағозаи худ ё шабакаҳои мағозаҳоро сабти ном кунед инчунин албатта маълумоти стандартӣ. Ин барои алоқаманд кардани маҳсулот бо истеъмолкунандагони охирин зарур аст ва агар якчанд мағоза мавҷуд бошад, хеле мувофиқ аст, то мардум аз минтақаҳо онро бубинанд ва система ба таври худкор маҳсулотро дар наздик пешниҳод мекунад. Мағоза бояд танҳо як маротиба ба қайд гирифта шавад ва шумо метавонед маҳсулотҳоро бемаҳдуд илова намоед. Маълумоти геолокасионӣ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки система маълумоти ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, яъне арзу тӯл ва инчунин координатаҳои GPS-ро ҷамъ мекунад. Ниҳоят, мағозаҳо дар рӯйхати мағозаҳои таҳвилкунанда пайдо мешаванд, ки ин маълумотро таҳрир кардан мумкин аст.

Замимаи мобилии Tech Selector аллакай барои Android ва IOS дастрас аст. Селектори Технологияҳои Сабз ҳамеша дар ҳама вақт ва ҳамчунин дар ҳама минтақаҳо ва тамоми сатҳи кураи замин дастрас аст. Замимаи мобилии Tech Selector асосан барои мизоҷон, ки мехоҳанд технологияҳои каммасрафро харидорӣ намоянд, пешбинӣ шудааст. Ин як барномаи хеле муфид аст, ки ба корбарон имкон медиҳад маълумоти заруриро дар бораи ширкатҳои бақайдгирифташуда (таҳвилкунандагон, истеҳсолкунандагон), технологияҳо ва маҳсулоте, ки ба меъёрҳои талаботи GEFF ҷавобгӯ мебошанд, дастрас кунад. Замимаро аз Play Market ба осонӣ зеркашӣ ва ба телефони мобилиатон насб кардан

мумкин аст. Ман инчунин мехоҳам бигӯям, ки на ҳама компютер ё ноутбук доранд. Ҳамин тариқ, замимаи мобилӣ ба харидорон имкон медиҳад, ки технологияи мувофиқро мустақилона интихоб кунанд.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Хело аҷоиб, ташаккур. Нигора, оё шумо метавонед дар бораи мушкилотҳои эҳтимолие, ки таҳвилкунандагон ҳангоми сабти ном дар Селектори Технологияҳои Сабз дучор меояд, маълумот диҳед?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Бале, сабти ном на ҳамеша зуд ба осонӣ мегузарад ва мо якчанд мушкилотҳоро ба назар гирифтем. Мушкилоти асосӣ пайвасти нокифояи интернет аст. Баъзан, лиҳозе аз фурӯшандагон дар ёфтани координатҳои GPS-и як мағоза ё идора бо мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Фурӯшандагон бояд мағозаро сабти ном кунанд ва ҷойгиршавӣ ба таври худкор ёфта мешавад. Мушкилоти асосӣ дар он аст, ки харитаҳои Google маконро муайян карда наметавонанд. Ё баъзан ба шумо лозим аст, ки танзимоти браузери худро тағир диҳед, то барои зоҳир намудани маълумоти ҷуғрофӣ иҷозат диҳад. На ҳама фурӯшандагон компютерро хуб мефаҳманд, аз ин рӯ мо мефаҳмонем ва баъзан чӣ гуна сабти ном шуданро, қадам ба қадам ҳангоми вохӯриҳо ё тавассути почта ё телефон шарҳ медиҳем.

Агар шумо ҳангоми сабти ном ба ягон монеа дучор шавед, мутахасиссони лоиҳа ба шумо мадад мерасонанд. Бозорҳои маҳаллии Тоҷикистон пур аз технологияҳои гуногун аст, ки ҳам каммасраф ва баръакс. Ҳолатҳое мешавад, ки таҳвилкунанда мехоҳад бо мо ҳамкорӣ кунад ва маҳсулоти худро сабти ном кунад. Аммо аз рӯи параметрҳои техникӣ, технологияҳо мувофиқ нестанд. Ё на ҳама технологияҳо мувофиқанд. Масалан, мо як таҳвилкунандаи техникаи маишӣ дорем, ки дорои яхдонҳо ва кондитсионерҳои А ва А + , аммо танҳо  А + ва боло мувофиқ мебошанд.

Мо омодаем ба таҳвилкунандагон тарзи корро нишон диҳем. Мо инчунин варақаҳои махсус таҳия карда истодаем, ки қадам ба қадам муфассал ва возеҳ тасвир мекунанд. Дар ҳар сурат, хотиррасон менамоем, ки мо ҳамеша омодаем ба шумо кӯмак намоем. Ба  рақами +992 93 433 90 01 занг занед ё ба мо нависед, шумо ҳамчунон метавонед ба сафиҳаи Фейсбук ё сомонаи мо ворид шуда бо мо тамос гиред.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ташаккур. Ман фикр мекунам барои шунавандагони мо хеле муфид хоҳад буд, агар шумо талаботи техникии сабти номи ин технологияҳоро номбар кунед?

*Муҳандиси лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Раванди бақайдгирӣ содда аст, гарчанде ки омода кардани баъзе ҳуҷҷатҳо зарур аст: ба монанди ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ (Шаҳодатнома) ва феҳрасти маҳсулот дар формати PDF бо таснифоти техникӣ. Азбаски Селектори Технологияҳои Сабз технологияҳои самараноки сабзро таблиғ мекунад, таҳвилкунандагон бояд исбот кунанд, ки таҷҳизоти онҳо ба меъёрҳои ҳадди ақал ҷавобгӯ мебошад. Масалан, кондитсионерҳо бояд ҳадди аққали самаранокии энергияро A + дошта бошанд, коллекторҳои гармидиҳандаи офтобӣ бояд ҳадди ақал 75% ва ғайра дошта бошанд.

Мо метавонем маълумотҳоро оид ба меъёрҳои ҳадди ақали самаранокии ҳама гуна технологияи сабз дастрас намоем, марҳамат дархост намоед. Агар ба шумо маълумоти иловагӣ ё кӯмак лозим бошад,

лутфан бо кормандони мо тамос гиред. Воқеан, бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ низ сабти ном намудан мумкин аст.

*Мутахассис оид ба маркетинги лоиҳаи GEFF Тоҷикистон:*

Ман мехоҳам илова кунам, ки Селектори Технологияҳои Сабз ба таври ройгон дастрас аст ва маълумоти пурарзиши техникиро, ки аз ҷониби коршиносони мустақил тасдиқ карда шудааст, пешниҳод мекунад. Он метавонад аз ҷониби корхонаҳо, шахсони воқеӣ, истеҳсолкунандагон ва таҳвилкунандагони технологияҳо, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ истифода шавад. Он шуморо ба интихоби технологияҳои беҳтарин, ки самаранокиро зиёд мекунанд, роҳнамоӣ мекунад.

Инҷо мо ба охири подкаст расидем. Ташаккур барои иштирокатон дар муҳокима. Шунавандагони азиз, умедворам, ки ин эпизод барои шумо муфид буд, агар шумо ягон саволе дар бораи платформаи Селектори Технологияҳои Сабз, ки мо имрӯз муҳокима кардем ё дар бораи лоиҳаи GEFF Тоҷикистон саволе пайдо шуд, лутфан ба сомонаи www.ebrdgeff.com/tajikistan ё саҳифаи Facebook ворид шавед.

Дар хотима, иҷозат диҳед, ки ҳадафҳо ва фаъолияти асосии лоиҳаи GEFF Тоҷикистонро хотиррасон намоям. Барномаи Маблағгузории Иқтисоди Сабзи Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд таъсис ёфтааст, ки дар ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо, Фонди Иқлими Сабз ва Ҷумҳурии Корея фаъолият менамояд.

Барномаи Маблағгузории Иқтисоди Сабз (GEFF) тавассути шабакаи беш аз 140 ташкилотҳои молиявии маҳаллӣ дар 26 кишвар, бо маблағи қариб 4 миллиард евро аз ҷониби Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд маблағгузорӣ шудааст, барои дастгирии соҳибкорон ва хонаводаҳое, ки ба технологияи сабз сармоягузорӣ карданӣ ҳастанд, мусоидат менамояд. Он дар таъсиси бозорҳои нав ва ба таври назаррас густариш додани бозорҳои мавҷуда оид ба коҳиш додани таъсири манфии омилҳои тағйирёбии иқлим ва маблағгузорӣ барои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар бахшҳои саноатӣ, тиҷоратӣ, манзилӣ, нақлиётӣ ва кишоварзӣ саҳм мегузорад. Дар Тоҷикистон, барномаи GEFF кӯмаки молиявӣ, техникӣ ва ҳавасмандкунии грантиро ба бахши хусусӣ, баҳри дастгирии гузариш ба иқтисоди сабз таъмин менамояд. GEFF Тоҷикистон лоиҳаи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) буда, бо Хазинаи Иқлими Сабз (ХИС), Ҷумҳурии Корея (ҶК) ва Иттиҳоди Аврупо (ИА) ҳамкорӣ менамояд. Лоиҳаи мазкур тавассути Шарикони молиявии маҳаллӣ, гузариш ба иқтисоди сабзро бо сармоягузории 25 миллион доллари ИМА, ки барои истифодаи самаранокии энергия ва дигар захираҳо пешбинӣ шудааст, амалӣ мекунад. Лоиҳаи GEFF Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо донорҳо ва шарикони молиявӣ ба бозори маҳаллӣ дар самти иқтисоди сабз кӯмак мерасонад.

Ташаккур барои диққататон!